**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст**

Рисолаи илмии баанҷомрасидаи Исозода Парвиз Асадулло ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст.

Бояд иброз намуд, ки давлат ҳуқуқи инсонро чун олитарин арзиш дар ҷомеаи инсонӣ эътироф ва ҳифз намуда, барои амалишавии он тадбирҳо андешида, барои ҳар фард имконияти амали сохтани ҳуқуқу озодиҳои кафолат медиҳад.

Аз таҳлили рисолаи илмии унвонҷӯ бармеояд, ки бо мақсади амалишавии ин арзишҳои конститутсионӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ тамоми заминаҳои ҳуқуқии кишвар такмил дода шуда, дар ин самт, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардидаанд. Дар баробари ин, мақомоти қонунунгузори мамлакат як қатор қонунҳоеро ба тасвиб расонд, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, пешрафти иқтисодиёт ва соҳибкорӣ равона шудаанд.

Дар ин асно, зикр кардан ба маврид аст, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ иборае мавҷуд мебошад, ки «ҳуқуқ бе уҳдадорӣ» буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, дар шароитҳои муайян дар сурати риоя накардани ин уҳдадории худ, имконияти маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вуҷуд дорад. Ҳамчунин, илми ҳуқуқро низ зарур аст, ки дар баробари таъмини ҳуқуқи

инсон ва шаҳрванд, ба масъалаҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ диққати ҷиддӣ дода, роҳҳои муфид ва самарабахши онро коркард намояд.

Мавзуи интихобкардаи муҳаққиқ, дар умум, баҳри боло бурдани донишҳои ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар шароити бунёди давлати ҳуқуқбунёд зарурӣ буда, мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ин нуқтаро ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон баён намудаанд: «Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ буда, дар он таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст. Бо мақсади амалишавии ин арзиши конститутсионӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ тамоми заминаҳои ҳуқуқии кишвар такмил дода шуда, дар ин самт, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардидаанд. Парламент як қатор қонунҳое қабул намуд, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, пешрафти иқтисодиёт ва соҳибкорӣ равона шудаанд».

Воқеан, таъмини риояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ кафолати бунёди як давлати ҳуқуқӣ арзёбӣ мешавад. Маҳз дар сурати риоя гардидани принсипҳои мазкур, имконияти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд имконпазир аст. Вагарна, ба хотири таъмини ин ҳуқуқу озодиҳо, зарурати маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои дигарон ба вуҷуд меояд.

Ҳарчанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи мазкур мубраму рӯзмарра маҳсуб меёбад, аммо тадқиқоти илмии бунёдие дар ин самт вуҷуд надорад. Паҳлуҳои гуногуни он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо хеҷ яке аз олимони ватанӣ моҳиятан ба таҳқиқи илмии падидаи маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон машғул нагардидаанд. Бинобар ин, дар шароити Истиқлолияти давлатӣ ва густариши ҷаҳонишавӣ маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон ҳамчун падидаи гуногунпаҳлу ба таҳлили

илмии амиқ ниёз дорад. Унвонҷӯ падидаи мазкурро ба таври назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионӣ таҳқиқ намудааст.

Ҳамчунин, дар рисолаи илмии муаллиф ба таври мушаххас мафҳумҳои «маҳдуднамоии ҳуқуқ», «маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодӣ», «маҳдуднамоӣ», «боз доштани кафолат», «муқаррар намудани ҳудуд», «маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон», «маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ» мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, унсурҳои таркибӣ, таснифоти он ба намудҳои мухталиф муайян карда шудаанд.

Муҳаққиқ омӯзиши ҳамаҷонибаи мафҳум ва сохтори маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро ҳамчун мақсади таҳқиқот қарор дода, дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионӣ масъалаҳои гузошташударо баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқот сохтори мукаммали маҳдудиятҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба низом даровардани онҳо вобаста ба асосҳои гуногун, дарки амиқи маҳдуднамоӣ ҳамчун як низоми меъёри ҳуқуқӣ, такмили механизми ҳуқуқии конститутсионии маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили ҳамаҷониба ва комили илмиро дарёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мeёбад, ки он яке аз нахустин пажӯҳишҳои таҳлили назарӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Яке аз вижагиҳои рисола дар он аст, ки унвонҷӯ онро бо забони ноби тоҷикӣ бо истифода аз вожаву ибораҳои тоҷикона таҳия намудааст. Аз ин рӯ, он манбаи илмие ба ҳисоб меравад, ки саршори вожаву ибораҳои ҳуқуқии тоҷикона аст ва барои пажӯҳишгарони оянда ҳамчун дастур хизмат хоҳад кард.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ мустаҳкам гардидаанд.

**Мавзуи пажӯҳишро** андеша, афкор ва ғояҳое ташкил медиҳанд, ки мафҳум, мақсад, асос, принсипҳо ва таснифбандии маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро фаро мегиранд.

**Объекти омӯзишро** маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие ташкил менамоянд, ки дар раванди амалисозии маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вуҷуд меоянд.

Мақсади таҳқиқот гузаронидани таҳлили назарӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионии маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар заминаи қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳамзамон, матраҳ намудани роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи мақсади зикршуда, **вазифаҳои** зерин гузошта шудаанд:

- муайян намудани мафҳум, моҳият ва мазмуни маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- тавсифи принсипҳои маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- таҳлили механизми ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- тавсифи асос, мақсад ва ҳудуди маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чун унсури механизми ҳуқуқии конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таснифоти намудҳои маҳдуднамоии ҳуқуқӣ;
- таҳлили воситаҳои асосии маҳдуднамоии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳқиқи мафҳуми маҳдуднамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар вазъияти фавқулода, ҳамзамон, муайян намудани шаклҳои ин маҳдуднамоӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки он аввалин таҳқиқоти мукаммали назарӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионии маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони муосир буда, бо

назардошти рушди қонунгузории миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои алоҳида сурат гирифтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ истифода шудаанд. Аз усулҳои умумии фалсафӣ, усулҳои диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва мантиқӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз усуслҳои махсуси илмӣ бошад, усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ба кор бурда шудаанд.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** андеша ва назарияҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил намудаанд, ки ба ҳуқуқи инсон, кафолатҳо, амалишавии он, аз ҷумла, маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бахшида шудаанд. Таҳлилҳо, таклифу масъалагузориҳо, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи муқоисаи нуктаҳои назари илмии олимон ва хулосаҳои илман асоснокшудаву дар илм пазируфташудаи муҳаққиқону пажӯҳишгарон пешбарӣ ва асоснок карда шудаанд.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои он метавонанд дар таҳияву таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқии танзими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон истифода шаванд, инчунин, баҳри баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандону шахсони алоҳида ҷиҳати татбиқ ва таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо дар Тоҷикистон мусоидат намоянд. Мавод, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ барои бакалаврҳо ва магистрони факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, инчунин, барои омода намудани мутахассисон барои супоридани имтиҳони тахассусӣ истифода шаванд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** мақсад ва вазифаҳои онро муайян намуда, аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳияи рисола** чунин муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла

навгониҳои назариявӣ, хулосаҳо, пешниҳодоти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, асоснокунӣ ва тарҳрезии тавсияҳои амалии бадастомада аз ҷониби муаллиф манзур шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Парвиз Асадулло – унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Раҳмон Д.С.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел.: (+992 33 22) 2-35-06; E-mail: info@kgu.tj

Имзои Д.С. Раҳмонро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДДК
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.
«10» 09 2022

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС